«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________
аз «30» ____09____ 2022с.

**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №02**

ҷаласаи якҷояи кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

аз «28» 09 соли 2022 ш. Душанбе

**Раис:** Нуридинов Сунатулло Зубайдулоевич, н.и.и., дотсент, мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ

**Котиб:** Шодиев К.Қ., н.и.и., дотсент, и.в. мудири кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** д.и.и., профессор Давлатзода Қ.Қ., д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Шодиев К.Қ., н.и.и, дотсент Мирзоева Е.Ш., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Урунбоева Н.А., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Ҳомидов А.У., н.и.и., дотсент Тағоева Р.Г., н.и.и., дотсент Шералиев Э.Н., н.и.и., дотсент Маъдиев С., н.и.и., дотсент Сулаймонзода Ш.Ф., н.и.и., дотсент Бобомуродов Б.Э., н.и.и., дотсент Тилабов Ё.Э., н.и.и., Ҳусейнов М.С., муаллимони калони: Нурублоева М.М., Исайнова М.Ҳ., Ҳакимов С.Н., Эмомов М.Д., ассистентон: Давлатов Б.С., Расулзода Ҳ.М., Файзуллоев Ҳ.П., Ҷулиев М.А., Акимов С.М., Давлатова Н.И.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Давлатзода Қудрат Қамбар.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Халифазода Ҷовидон Бобохон баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, ки имрӯзҳо дар назди илми иқтисод тазодҳо ва хатарҳои нав ба вуҷуд омадааст, ки он аз давлат ва ҷомеаи башарӣ кӯшишҳои дастаҷамъонаро оид ба навҷорисозии сохторӣ ва мақсадноки истеҳсолот талаб менамояд. Ин равандҳо зарурати ҷорӣ намудани назарияҳои нави рушди иқтисодӣ, махсусан кластерикунонии соҳаҳои иқтисодиёт, ки он барои татбиқи барномаҳои дарозмуҳлат дар минтақаҳои кишвар хизмат мекунад, талаб менамояд.

Кластерикунонӣ дар ташкили истеҳсолот яке аз унсурҳои муҳимми таъмини рушди устувори минтақа ба ҳисоб рафта, истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо, ҷалби бештари сармоягузориҳо ва рақобатпазирии соҳаи комплекси агросаноатӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, ташакули клатсерҳои агросаноатӣ ва дар заминаи он, рушди кластерҳои пахта ва таъмини сатҳу сифати шоистаи зиндагии аҳолӣ яке аз вазифаҳои асосии илми иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз самтҳои асосии рушди устувори соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ин кластерикунонии пахта мебошад, ки он ба ташкили муҳити солими сармоягузориҳо, ҳавасмандии иқтисодии ҳамкориҳои иштирокчиёни кластерҳои агросаноатӣ, усул ва фишангҳои танзими давлатӣ, тақсимоти функсияи ҳар як иштирокчии кластери минтақавӣ нигаронида шудааст. Ташаккули кластерҳои пахта дурнамои хеле хуб дошта, барои рушди устувори иқтисоди минтақа бо назардошти хусусиятҳои хоми он дар ҳудудӣ географӣ ва омилҳои табиӣ-иқлимӣ мусоидат менамояд. Ин ҷо раванди кооператсия ва ҳамгироии истеҳсолот дар ташаккули кластерҳои пахта имконият медиҳад, ки иқтидори захиравии минтақа, бахусус, захираҳои замину об самаранок истифода бурда шуда, он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва экологӣ саҳми калон гузорад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.и., профессор Қудратов Р.Р., д.и.и., профессор Фақеров Ҳ.Н., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., дотсент Урунбоева Н.А., н.н.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Ҳомидов А.У., муаллимони калон Нурублоева М.М., Эмомов М.Д., ассистентон Ҷулиев М.А., Расулзода Ҳ.М., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Халифазода Ҷовидон Бобохон ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Давлатзода Қудрат Қамбар баромад намуда, оид ба фаъолияти педагогӣ ва илмии Халифазода Ҷовидон Бобохон суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта,

таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд. Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас Фақеров Ҳ.Н., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ, Урунбоев А., - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур якчанд нафар аз он ҷумла: д.и.и., профессор Мирсаидов С.А., н.и.и., дотсент Ҳомидов А.У., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Шералиев Э.Н., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Халифазода Ҷовидон Бобохон муҳаққиқи ҷавони пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба масъалаҳои ташаккули кластерҳои пахтакорӣ ва рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар, ки дар ҷараёни таҳқиқот таҳия ва баррасӣ шудаанд, барои баланд бардоштани самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар мусоидат менамоянд.

Халифазода Ҷовидон Бобохон ба эродҳои бармадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1.Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда ба марҳилаи баъдии ташхиси пешакӣ дар шурои олимони факултети иқтисод ва бизнес тавсия дода шавад.

3.Қарори ҷаласаи якҷояи кафедраҳои иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ ва таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз «28» 09 соли 2022, суратмаҷлиси №02 тасдиқ карда шавад.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент,
мудири кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкории ДДМИТ — Нуридинов С.З.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент,
и.в. мудири кафедраи таҳлили
иқтисодии ДДМИТ — Шодиев К.Қ.

Дурустии имзоҳои Нуридинов С.З.ва
Шодиев К.Қ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ — Шарипов У.А.
«30» 09 2022с.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ